**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

УДК: 130.3 (575.3)
ББК: 87.3
М-92

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**МУҲАМАДҶОНИ ТАҒОЙМУРОДИ РАҲМАТУЛЛО**

# ҒОЯҲОИ ФАЛСАФАИ МАОРИФ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ IX-XIII

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа **PhD,**

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа

**ДУШАНБЕ – 2020**

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст

**Роҳбарони илмӣ:** **Назаров Рустам** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ.

**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети фалсафаи ДМТ

**Муқарризони расмӣ:** **Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, сарходими илмии Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовуддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қурбоншоев Илҳом Ҷумахонович** – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, кафедраи фалсафа ва таърих

Ҳимояи диссертатсия «25» июни соли 2020 соати 14:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти унвони доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – Фалсафа дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва инчунин тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ________ соли 2020 фиристода шуд.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Дар таърихи ҳар як миллат давраҳои ҷудогонае ҳаст, ки аз рӯйи характер, таъйинот в нақши худ марҳилаҳои рушду шукуфоии фарҳанги ин миллат ё халқ мебошад. Омӯзишу баррасии илмии чунин давраҳо масъалаи мубрами илмӣ аст, ҳам аз ҷиҳати омӯзиши таърихи ин халқ ва ҳам аз ҷиҳати омӯзиши рушди муосири он. Ошкор кардани тавсифоти муҳим ва омилҳои таконбахши инкишофи ин халқҳо барои он кишварҳое аҳаммияти бузург дорад, ки дар давраи гузариш қарор дошта, ба ҳамон дараҷаи кофии инкишоф нарасидаанд, ки Тоҷикистон расидааст. Маҳз барои ҳамин, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ ба таҳлилу баррасии ҷанбаҳои мухталифи давраҳои муҳимми таърихии рушди халқи тоҷик таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Ба чунин давраи таърихии мардуми тоҷик асрҳои IX-XIII чун давраи шукуфоии фарҳанги тоҷик мансуб аст, ки онро баъзан "Давраи Эҳё" ё "Эҳёи Аҷам" ном мебаранд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини ин давра рушди илму маориф аст, ки дар асоси он роҷеъ ба муносибатҳои маорифпарваронаи мутафаккирони ин давра, қабл аз ҳама, файласуфон, сухан ронда метавонем. Маҳз дар ин айём ғояҳои фалсафаи маориф густариши васеъ пайдо кард. Ин ғояҳо дар он даврон асоси ғоявии фалсафаи маорифи муосирро ташкил медиҳанд. Ин раванд дар фалсафаи тоҷик аз фалсафаи Абунасри Форобӣ оғоз шуда, аз ҷониби Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва дигарон идома ёфт. Назари фалсафӣ ба маориф баъдан дар осори дигар файласуфони асри IX-XIII рушд кард, вале то давраи маорифпарварӣ чунин муносибати фалсафӣ гӯё тадриҷан аз миён рафт.

Дар давраи маорифпарварӣ дубора ба фалсафаи маориф таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва ин фалсафа душвориҳоро пушти сар карда, фақат дар фалсафаи муосири тоҷик ҷойгоҳи арзандаашро пайдо намуд. Вале дар давраи мавриди назари мо (асрҳои IX-XIII) ба маориф андешамандии (рефлексияи) фалсафӣ хосатан рушд кард ва вижагиҳои маориф мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Бо сабаби муҳиммияти муносибати фалсафӣ ба маориф ин давра барои фалсафаи маориф аҳаммияти хоса дорад. Табиист, ки дар ин давра фалсафаи маориф ҳанӯз чун соҳаи мустақили фалсафа ташаккул наёфта буд, аммо файласуфони тоҷик ғояҳои гуногуни тарбиявию маорифпарваронаро ба миён гузоштанд, ки онҳо дар рушди фалсафаи маорифи умумиҷаҳонӣ нақши муайяне бозиданд. Мушаххас кардани сатҳи таъсири ғояҳои файласуфони тоҷик ба файласуфони аврупоию ғарбӣ арзиши муҳимми илмӣ-амалӣ дорад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки ворид гардидани унсурҳо ва арзишҳои бегона мушоҳида карда мешавад, ба хотири нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, инкишофи ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа, таъмин намудани раванди самараноки таълиму тарбия, рӯй овардан ба фалсафаи маорифи халқи тоҷик ва истифодаи афкори тарбиявӣ ва таълимӣ дар амалия самаранокии раванди таълимро таъмин менамояд. Аз назари илмӣ муайянкунии моҳияту муҳтавои ғояҳои маорифгароёнаи мутафаккирони тоҷик дар даврони ба истилоҳ «Эҳёи Аҷам» ва истифодаи натиҷаҳои ин пажӯҳишҳо

дар амалия ба рушди маориф ва болоравии сифати он дар ҷумҳурӣ имкон фароҳам меорад. Дар ин асос метавон гуфт, ки омӯзишу тақиқи илмии ғояҳои фалсафӣ оид ба маориф муҳиму саривақтист.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ:** Ғояҳои фалсафаи маориф дар таълифоти педагогҳо, муаррихон ва файласуфони тоҷик аз мавқеъҳои мухталифи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, масалан ҳамчун таърихи педагогика дар таълифоти Х.С. Афзалов, Қ.Б. Қодиров, М. Лутфуллоев, С. Сулаймонӣ, А. Содиқов, М. Орифов, аз нигоҳи илми таърих дар таълифоти Рабеъзода А., Турсунов А., Обидов И., ҳамчун ҷузъи афкори фалсафӣ дар осори Диноршоев М., Турсунов А., Назаров Р., Қурбонов А.Ш. Обидов И.,Файзалиев Ҷ.Х., Комилов Р., Содиқов А., ва дигарон.[1]

Баъзе масоили фалсафаи маорифи тоҷикро пажӯҳишгарони рус Бертелс Е.Э., Бартолд В.В. ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. [2] Инчунин баъзе аз муҳаққиқони эронӣ, мисли А. Нақибзода, М. Мутаххарӣ, А. Оғозода, А. Алмосӣ, З. Қурборӣ, М. Кишоварзӣ, М. Ризо, Х. Султонзода, А. Вилоятӣ низ ба масъалаҳои гуногуни фалсафаи маориф рӯ оварда, ҷанбаҳои гуногуни онро таҳлил кардаанд. [3]

Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки масъалаҳои таълиму тарбияи мардуми тоҷикро дар давраҳои мухталифи таърихӣ, аз нуқтаи назари таърихӣ-педагогӣ таҳқиқ кардааст Х. Афзалов [4] мебошад. Ӯ дар китоби худ "Таърихи педагогикаи халқи тоҷик" ба таври умумӣ ҷанбаҳои алоҳидаи таълиму тарбияи мардуми тоҷик, дар давраҳои мухталифи таърихӣ, аз ҷумла давраи асрҳои IX-XIII-ро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Муҳаққиқ сарчашмаи ғояҳои фалсафаи маорифи асрҳои IX-XIII тоҷикро ғояҳои фалсафаи маорифи ориёӣ медонад ва мегӯяд, дар ин давра кӯдакон бо роҳбарии калонсолон ва дар зери назорати онҳо ба шароити зиндагии коллективӣ одат мекарданд. Бачагон ва наврасон дар

---

[1] Афзалов Х.С. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 112 с.; Қодиров Қ.Б. Таърихи афкори педагогии мардуми тоҷик аз аҳди бостон то пайдоиши ислом. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 168 с.; Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. – Душанбе: Дониш, 1997. – 150 с.; Лутфуллоев М., Сулаймонӣ С. Онтология педагогической мысли таджикского народа. – Душанбе «Матбуот», 2009; Сулаймонӣ С., Алиев. А. Суннатҳои омӯзишу парвариш дар фарҳанги ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. – Душанбе: Ирфон, 1989; Раҷабзода А. Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ – Душанбе: Ирфон. 1998. Турсунов А. Эҳёи Аҷам. – Душанбе: Ирфон. 1984. – 208 с.;. Диноршоев М. Фалсафаи тоҷик дар асрҳои миёна. – Душанбе: Маориф, 1997; Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского народа. Ч. 1. 1Х-Х1 вв. Душанбе, 1962; Назаров Р., Курбонов А.Ш. Философия образования таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 2010; Курбонов А.Ш. Образования в условиях трансформации таджикского общества. – Душанбе: «Дониш», 2009. – 336 с.; Обидов И. Краткий очерк истории образования таджикского народа. – Душанбе, 1965; Файзалиев Дж. Х. Философия образования таджикско-персидских мыслителей средневековья и их ценность в развитии современной национальной педагогики. – Душанбе: Эр-Граф, 2014; Комилов Р. Аз таърихи афкори иҷтимоию сиёсӣ дар аҳди Сомониён. – Душанбе: Диловар, 1998; Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. – Душанбе: Ирфон, 1989.

[2] Бертельс Е.Э. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана. М: «Наука», 1988. - 557 с.; Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. М: ИВЛ, 1960. Бартольд В.В. Иран: исторический обзор. – Ташкент, 1926. .- 555 с.

[3] Нақибзода А. Нигоҳе ба фалсафаи омӯзишу парвариш. – Теҳрон: 1991; Оғозода А. Таърихи омӯзишу парвариши Эрон. – Теҳрон, 1382; Алмаси А. История исламского обучения и воспитания в Иране. – Тегеран: 1992; Қурборӣ З. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. –Теҳрон: 1991; Кишоварзи М. Таърихи омӯзиш ва парвариш дар Эрону Ислом. – Теҳрон: 2004; Султонзода Ҳ. Таърихи мадрасаҳои Эрон аз аҳди бостон то дорулфунун. – Теҳрон, 1986; Вилоятӣ А. Пӯёи фарҳанг ва тамаддуни ислом ва Эрон. Ҷ. I. – Теҳрон, 1386.

[4] Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе,1994. – С. 6-7.

меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ аз калонсолон малакаҳои ҳаётӣ ва меҳнатии заруриро пайдо намуда, ба урфу одатҳои ниёгон шинос шуда, расму оинро меомӯхтанд. Кӯшиш карда мешуд, ки кӯдаконро аз тариқи ҷалби онҳо ба фаъолияте, ки барояшон мувофиқ буд, тарбия намоянд. Онҳоро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ ва барои зиндагӣ дар шароити дастаҷамъӣ тарбия менамуданд. ҷалби кӯдакон дар доираи фаъолияти муносибро таҳлил намудааст.

Донишманди тоҷик М. Орифӣ [5] бошад, бештар ба таҳлили масъалаи таълиму тарбия дар доираи тамаддуни ориёӣ пардохта, дар ин давра таълиму тарбияро танҳо барои шахсони олимақом, яъне намояндагони қишрҳои коҳинон ва ашрофони ҳарбӣ дастрас медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки дар ин давра муассисаҳои таълимии дарборӣ, коҳинӣ, дабирӣ, касбӣ, қавмӣ ва хусусӣ бунёд карда шудаанд. Ин муҳаққиқи тоҷик китоби муқаддаси зардуштиён «Авесто»-ро яке аз сарчашмаҳои асосии афкори таълимӣ ва тарбиявии ориёиён дониста, меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ, усулҳои васеи таълимӣ ва тарбиявие, ки дар он зикр гардиданд ҳамчун заминаи асосии рушди ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII медонад.

Донишманди дигари тоҷик Қ. Қодиров[6] дар тадқиқоти худ яке аз омили асосии рушди ғояҳои фалсафаи маориф дар асрҳои IX-XIII-ро дар мусоидати шоҳону амирони давр ва ба роҳ мондани сиёсати маорифпарваронаи онҳо медонад.

Муҳаққиқ ва маорифпарвари муосири тоҷик Р. Назаров бошад фалсафаи маорифи тоҷик дар доираи тамаддунҳои ориёӣ ва исломиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ӯ низ сарчашмаи асосии рушди ғояҳои фалсафаи маориф тоҷик дар асрҳои IX-XIII-ро ғояҳои фалсафаи маорифи ориёӣ ва исломӣ медонад. Аммо раванди таълиму тарбия дар ин давраро ба асосӣ меъёрҳои ахлоқӣ ва исломӣ унвон кардааст. Дар ин маврид Р. Назаров чунин мегӯяд: «Дар ин давра фалсафаи маориф пурра дар асоси таълимоти исломӣ бунёд ёфта, он асосан бахри тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули арзишҳои ахлоқӣ нигаронида шуда буд».[7]

Дар омӯзиши бисёр паҳлуҳои масъалаҳои таълимию тарбиявии мардуми тоҷик дар марҳилаҳои таърихӣ саҳми муҳаққиқи нуктасанҷи тоҷик С. Сулаймонӣ[8] калон мебошад, Ӯ дар асарҳои худ бештар самти пажӯҳиши ғояҳои фалсафаи маориф ва усулҳои таълимию тарбиявии мардуми тоҷик дар замони Сосониён таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд менамояд, ки таълиму тарбия дар замони Сосониён дар маконҳои махсус, аз қабили муассисаҳои таълимӣ, оташкадаҳо, дабистонҳо, дабиристонҳо, майдонҳои махсуси омӯзишӣ, дарбор, академия ба роҳ монда шуда буд. Дар ин давра мазҳаби зардуштӣ дини расмии давлатӣ шуморида мешуд, аз ин рӯ, таълиму тарбият бештар ҷанбаи динӣ дошт ва раванди донишомӯзӣ мувофиқи меъёрҳои муқараргардидаи таълимоти дини зардуштӣ сурат меигирифт.

---

[5] Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик.Ҷ. 1. – Душанбе, 1962. – С. 38.

[6] Қодиров Қ. Таърихи тарбия аз аҳди қадим то замони Сомониён. – Душанбе, 2012. – С. 186.

[7] Назаров Р. Философия качества образования (социально-философский анализ). – Душанбе: Дониш, 2011. – С.154.

[8] Сулаймонӣ С. Алиев А. Ориёиҳо. Суннатҳои фарҳангӣ ва таълиму тарбиятӣ. – Душанбе, 2009. – С.56.

Дар таҳлили ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва осори таълимию тарбиявии маорифпарварони ин давра таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик М.С. Аминҷонова[9] аз аҳамият холӣ нест. Муҳаққиқи мазкур дар таҳқиқоти худ «Афкори педагогии Рӯдакӣ ва ҳамасрони вай дар мафҳуми масъалаҳои муосири замони ҳозира» бештар ба таҳқиқи осори таълимию тарбиявии маорифпарвари бузурги асрҳои IX-X тоҷик – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пардохта, нақши ин маорифпарвари тоҷикро дар рушди ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII хеле назаррас медонад. Ӯ зикр менамояд, ки Рӯдакӣ аз он низоми таълиму тарбияи замонааш, ки аз ҳаёти воқеӣ дур буд, мухолифат мекард, ва бо афкори пешқадами таълимию тарбиявии худ баҳриислоҳи онҳо пардохта буд».

Олими дигаре, ки масъалаҳои маорифпарварии мутафаккирони тоҷикро таҳқиқ намудааст Ф.Гулмадов[10] мебошад. Ӯ дар асараш “Инъикоси образи муаллим дар мероси педагогии мутафаккирони форсу тоҷик” бештари осори маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷикро таҳлил намуда, образи воқеии муаллим дар ин осорро инъикос намудааст. Масалан ин масъаларо дар осори Абуалӣ ибни Сино, ки яке аз файласуф ва маорифпарвари бузурги тоҷик дар асрҳои мавриди назари таҳқиқоти мо аст, чунин менависад, “Абуалӣ ибни Сино дар низоми таълим ва тарбия барои омӯзгор масъулияти хосае ҷудо менамояд ва боварӣ дорад дар симои омӯзгор шогирдон беҳтарин инсон, идеал ва ғояи асосӣ барои пайравӣ намуданро бояд пайдо намоянд”

Таълимоти мутафаккирону донишмандони тоҷик дар асрҳои IX-XIII, ки бар пояи усулҳои фалсафаи маорифи ниёгон бунёд ёфтааст, асосан тарғибу ташвиқи мавзӯи инсондӯстӣ буд. Ба қавли донишманди тоҷик А. Турсунов «Ҳамаи бузургони тоҷик дар замони Эҳёи Аҷам ҳастӣ ва сарвати маънавии худро ба мавзӯи инсондӯстӣ бахшидаанд».[11]

Хулоса, маводи баррасишуда собит менамояд, ки бо вуҷуди баррасӣ шудани ҷанбаҳои мухталифи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII, ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, анҷом ёфтаанд, қисми зиёди масоили марбут ба мавзӯи рисолаи таҳқиқотии мо, аз ҷумла таҳлили фалсафию иҷтимоии ғояҳои фалсафаи маорифи ин давра, хусусиятҳои фалсафаи маорифи ин давра, нишондодани сарчашмаҳои асосии рушфи фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII, таҳлили фалсафӣ-иҷтимоии масъалаҳои таълимию тарбиявӣ дар осори мутафаккирони тоҷики ин давра ва ғайра, аз мадди назари муҳаққиқон барканор мондаанд. Дар ин пажӯҳишот умуман раванди рушди афкори намояндагони фалсафаи маорифи халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти маҳз ба ин марҳалаи эҳёи фалсафаи тоҷик бахшидашуда танҳо чунин масъалаҳоеро, амсоли дидгоҳҳои илмӣ-адабӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ-

[9]Аминджанова М.С. Педагогические взгляды Рудаки и его современников в контексте современных проблем образования: Автореф. дис... канд. пед. наук. – Душанбе, 2014. – С.15.

[10] Гулмадов Ф. Инъикоси образи муаллим дар мероси педагогии мутафаккирони форсу тоҷик. –Душанбе. 1997. – С. 265.

[11] Турсунов А. Эҳёи Аҷам. – Душанбе «Ирфон», 1984. – С. 77.

иҷтимоӣ ё фалсафӣ дар ин давра фарогиранд. Ин рисолаи диссертатсионӣ барои ҳал намудани масъалаҳои зикргардида нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки таҳқиқи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба таври зарурӣ дар маҷмӯъ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузории илмӣ қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу муайян намудани хусусиятҳо, шаклҳо ва тарзи ташаккули шахсият, таҳлили ғояҳои фалсафии маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII яке аз вазифаҳои муҳими илмӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз аз ҳамин хотир, ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII мавриди баррасии илмии ин рисола қарор гирифта, таъсири онҳо ба рушди маориф дар асрҳои минбаъда нишон дода шудаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Иртиботи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи нақшаи перспективии корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ барои солҳои 2016-2020, ки ба масъалаҳои мубрами фалсафӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони муосир равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардидаст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот** таҳлили ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик ва афкори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII мебошад. Барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зерин ба миён меояд:

- муайян намудани заминаҳои методологии омӯзиш ва баррасии фалсафаи маорифи тоҷик;
- ошкор намудани омилҳо ва заминаҳои ташаккул ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII;
- омӯзиш ва баррасии афкори таълимиву тарбиявии муттафакирони тоҷик ва нақши онҳо дар ташаккули шахсият дар асрҳои IX-XIII;
- ошкор намудани таъсири афкори маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷики асрҳои IX-XIII ба инкишофи минбаъдаи фалсафаи маорифи халқи тоҷик;
- баррасии фалсафаи ориёии маориф ҳамчун сарчашмаи инкишофи илму фарҳанг ва заминаи ташаккули ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII;
- баррасии омезиши ислом бо дигар тамаддунҳо дар асрҳои IX-XIII ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар ин давра.

**Объекти таҳқиқот:** афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII.

**Предмети таҳқиқот:** Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба ҳисоб меравад.

**Асосҳои назариявӣ-методологии диссертатсия:** Дар диссертатсия бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои пешбинишуда усулҳои гуногуни таҳқиқот мавриди истифода қарор дода шудаанд. Аз ҷумла: усулҳои умумиилмӣ, усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ ва сохторӣ.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии тадқиқоти илмӣ асосан асарҳои мутафаккирон ва маорифпарварони тоҷики асрҳои IX-XIII, ба монанди

осори таълимию тарбиявӣ ва ахлоқӣ-ичтимоии Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Закариёи Розӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди Х. С. Афзалов, Қ. Б. Қодиров, М. Лутфуллоев, С. Сулаймонӣ, А. А. Содиқов, А. Раҷабзода, А. Турсунов., М. Диноршоев, М. Орипов, Р. Назаров, Ҷ. Файзалиев, А. Е. Бертелс, А. М. Белинский, А. Н. Болдирев, И. С. Брагинский, Н. Неъматов, В. Никитина, Б. Ғафуров, Р. Масов ва дигарон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмӣ дар рисола** пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он масъалаи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII бори аввал ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти махсуси илмӣ баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

**Навгонии таҳқиқот нисбатан мушаххастар дар натиҷаҳои бадастомадаи зерин инъикос ёфтаанд:**

- ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII таҳлил карда шуда, хусусиятҳои он бо хулосаҳои илмӣ нишон дода шудаанд;
- ба таври мушаххас сарчашма ва заминаҳои ташаккул ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ошкор ва таҳлил карда шудаанд;
- ба таври мушаххас низоми таълиму тарбия дар доираи тамаддуни ориёӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Нақш ва мақоми низоми таълиму тарбияи тамаддуни ориёӣ дар инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII баҳогузорӣ карда шудааст;
- афкори таълимӣ ва тарбиявии мутафаккирони форсу тоҷик аз нуқтаи назари фалсафаи маориф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, аҳаммияти онҳо дар шароити имрӯза нишон дода шудаанд;
- таъсири афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти амалии он дар рушди маорифи муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд:**

1. Ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII сарчашма ва заминаи инкишофи фалсафаи маорифи муосири тоҷик мебошанд. Фалсафаи маорифи ориёӣ ба инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII таъсири амиқ расонидааст. Дар давраҳои минбаъда ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷики асрҳои IX-XIII дар рушди илм, маориф, адабиёту санъат ва дигар соҳаҳои иҷимоии мардумони тоҷику форс нақши муҳим бозидааст.

2. Дар ин давра давлатҳои алоҳида ва низомҳои сиёсии миллӣ ташаккул ёфтанд, ки ба рушди маориф диққати махсус медоданд ва ин ҳамчун омили асосии пайдоиш ва рушди ғояҳои фалсафаи маориф дар асрҳои IX-XIII гардид. Дар ин марҳилаи таърихӣ сиёсати давлатӣ ба тарбияи ҳаматарафаи шахсият равона шуда буд ва ин ба ташаккули шахсиятҳои соҳибмаърифату маъруф ва

эҷоди осори гаронбаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, илмиву фалсафавӣ мусоидат намудааст.

3. Бо такя намудан ба суннатҳои ориёӣ ва афкори таълимиву тарбиявии "Авесто" минбаъд як қатор асарҳои таълимиву тарбиявӣ, ба монанди «Андарзи Хусрави Қубодон», «Андарзи Бузургмеҳр», «Андарзи доноён ва маздоясно», «Ҷовидонхирад»-и Абуалии Мисквайҳ, «Пирӯзнома»-и Абуалӣ ибни Сино, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Насиҳат-ул-мулук»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Пандномa»-и Аттори Нишопурӣ, «Пандномa»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, «Насиҳатнома»-и Шарифи Ҷурҷонӣ, «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусейн Воизи Кошифӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғайра таълиф шуданд, ки дар онҳо ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар ин давра баён гардидааст.

4. Ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба арзишҳои исломӣ такя намуда, ҷанбаҳои таълимӣ ва тарбиявии онро пайгирӣ менамуд. Қайд намудан зарур аст, ки фарҳанги исломӣ дар натиҷаи интегратсия ва омезиш бо тамаддунҳои ориёӣ, юнонӣ, яҳудӣ, мисрӣ ҳиндӣ ва чинӣ ғанитар гардида, ҳамчун яке аз заминаҳои ташаккули фарҳангҳои миллӣ зуҳур кардааст, ки дар ин самт метавон "Фарҳанги Сомониён" – ро махсусан таъкид намуд. Маҳз ҳамин сиёсати фарҳангпарваронаи Сомонӣ омили асосии эҳё ва рушди соҳаҳои мухталифи ҷомеа дар ин давра гардидааст.

5. Афкори таълимиву тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба инкишофи минбаъдаи ақидаҳои таълимӣ-тарбиявии муҳаққиқон ва мактабҳои алоҳидаи илмӣ-фалсафавӣ таъсири амиқ расонидааст. Илова ба ин, дар пайравии афкори мутафаккирони форсу тоҷик мактабҳои алоҳидаи таълимӣ-тарбиявӣ ташаккул ёфтаанд.

6. Ба баррасии масъалаҳои таълим ва тарбия мактабҳои мухталифи фалсафӣ рӯй овардаанд. Дар асоси таҳлилҳо мактабҳои фалсафиро, ки дар ташкил ва самаранок гардидани таълим ва тарбия нақши бузург доранд, метавон бо хусусиятҳо ва самти назарияҳои пешниҳодшуда, ҷанбаҳои таҳқиқу баррасӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуд: табиатгароён, ормонгароён, воқеъгароён, амалгароён, вуҷудгароён. Дар таҳқиқоти мазкур ҳар як мактаби фалсафӣ, ки нисбати таълим ва тарбия назарияҳои гуногунро пешниҳод намудаанд, мавриди омӯзиш, баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор дода шудаанд.

7. Ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба сабаби ташкил шудани давлатҳои миллӣ, инчунин ба роҳ мондани низомҳои дурусти идоракунӣ ва таълимию тарбиявӣ рушд кард. Бояд зикр кард, ки давлатҳои миллии ташкилшуда, аз қабили Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва ғайра сиёсати маорифпарваронаро пеш гирифта, ба ин восита илму маорифро рушд доданд.

8. Ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII дар асоси афкори таълимию тарбиявии андарзномаҳои бостонии ориёӣ, махсусан китоби арзишманди "Авесто" бунёдгузорӣ шудааст. Инъикоси афкори таълимию тарбиявии авестоиро мо метавонем ба таври васеъ дар осори мутафаккирони тоҷик дар ин замон мушоҳида кунем. Дар пайравӣ аз ин андешаҳои авестоӣ

маорифпарварони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва дигар марҳилаҳои таърихӣ осори таълимию тарбиявии худро ба вуҷуд овfarдаnд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро нуктаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба таври мушаххас баррасӣ ва таҳлил карда шудааст;
- сарчашма ва заминаҳои шаклгирии фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ошкор ва таҳлил карда шудааст;
- ба таври мушаххас таъсири афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти он дар раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст;
- афкори таълимию тарбиявии мутафаккирони тоҷик аз нуқтаи назари фалсафаи маориф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд;
- ба таври мушаххас низоми таълиму тарбия дар доираи тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги исломӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия:**

- хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи маориф метавонанд ҳамчун замина хизмат кунанд;
- таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии масъалаи афкори фалсафӣ ва педагогии мардуми форсу тоҷик дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мухталифи таълиму тарбия дарк ва самаранокии ин раванд таъмин карда шавад;
- натиҷаҳои таҳқиқот дар самти назариявӣ ба таври назаррас омӯзиши афкори фалсафӣ ва педагогии мардуми форсу тоҷикро тағйир медиҳад;
- мазмун ва хулосаҳои таҳқиқот ҳамчун заминаи методологӣ дар коркарди масъалаи фарҳанги маънавии ҷомеа кумак менамоянд;
- ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳоро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи маориф, педагогика, назария ва таърихи фарҳанг, сотсиология, равоншиносии иҷтимоӣ истифода намуд;
- маводи таҳқиқотро метавон барои машғулиятҳо аз фанҳои фалсафа, педагогика ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ истифода намуд;
- маводи таҳқиқотро инчунин метавон дар мубориза бар зидди афкори тундравонаи зуҳуроти манфии муосир истифода кард;
- маводи таҳқиқот имкон медиҳад, ки масъалаҳои мухталифи раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба таври дақиқу саҳеҳ дарк ва самаранокии ин раванд таъмин карда шавад;

**Апробатсияи таҳқиқот.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳо ва гузоришҳои муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, мизҳои мудаввар ва конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Сохтори диссертатисия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 148 саҳифаро дар бар мегирад.

## Қисмати асосии диссертатсия

Дар муқаддима аҳаммияти масъала асоснок карда шудааст, объект ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ифода карда шудаанд, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот махсусан қайд карда шуда, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии назариявӣ ва амалишавии таҳқиқоти диссертатсионӣ ошкор ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII**" номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст, ки дар онҳо масъалаҳои илмӣ-методологии омӯзиши ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва сарчашмаҳои асосии шаклгирии ғояҳои фалсафаи маориф дар асрҳои IX-XIII мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

Дар зербоби якум **"Масъалаҳои илмӣ-методологии омӯзиши ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII"** баррасӣ гардида, дар он мазмун ва моҳияти мафҳумҳои асосии фалсафаи маориф, методологияи омӯзиш ва назарияҳои мактабҳои гуногуни фалсафаи маориф мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Қайд карда шудааст, ки маориф дар ҳама давру замон яке аз масъалаҳои муҳим ва умда ба ҳисоб рафта, ҳамчун омили инкишофи ҷомеа баррасӣ мегардид. Миллату халқиятҳои гуногун ба масъалаи маориф диққати ҷиддӣ дода, онро замина ва омили муҳимми давлату давлатдорӣ меҳисобиданд. Дар замони муосир низ, ки онро давраи иттилоотӣ меноманд, масъалаи маориф дар сиёсати давлатдории кишварҳои мухталиф мавқеи муҳим дошта, рушду инкишофи соҳаҳои мухталифро аз бисёр ҷиҳат муайян менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз воситаҳои самаранок гардонидани раванди таълиму тарбия омӯзиш ва эҳё намудани таҷрибаи фалсафаи маорифи давраҳои гузашта ба ҳисоб меравад. Дар кишварҳои гуногун корҳои таҳқиқотӣ ба анҷом расонида шуда истодаанд, ки ба ҳалли ин масъала равона карда шудаанд. Бо истифода аз афкори таълимиву тарбиявӣ дар раванди таълиму тарбия метод ва тарзу равиши муосир ва пешрафтаи таълим истифода мегардад, ки самаранокии онро таъмин менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти маориф дар инкишофи соҳаҳои мухталиф ба инобат гирифта шуда, ба ислоҳот ва мувофиқ намудани он ба стандартҳои байналхалқӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. «Инкишофи ҷомеа, рушди устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти миллӣ ва давлатӣ, ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилот вобаста мебошад».[12] Рушди соҳаи маориф ва ислоҳоти он пас аз ба даст овардани истиқлолият ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мубаддал гардидааст.

Омӯзиш ва баррасиву таҳлили таърихи фалсафаи маориф нишон медиҳад, ки маҳз тариқи рӯ овардан ба омӯзиши ғояҳои фалсафаи маориф дар давраҳои мухталифи таърихӣ, ҷомеа сатҳи муайяни инкишофро касб намуда, шахсиятҳои

---

[12] Раҳмон Э. Маориф - гарави пешравии ҷомеа. – Душанбе, 2015. – С. 9.

бузурги илмиро тарбия намудааст. Дар таърихи фалсафаи маорифи тоҷик метавон давраи асрҳои IX-XIII ҷудо намуд, ки яке аз давраҳои пурмаҳсул ва пурарзиш ба ҳисоб меравад.

Фалсафаи маориф бошад ин маҷмӯи ақидаҳоест, ки аз талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таркиб ёфтааст ва ба ташаккули шахсияти ба давру замон мувофиқ равона карда шудааст.[13] Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фалсафаи маориф мувофиқ ба давру замон тағйир меёбад, барои талаботи ҷомеа шахсиятҳои заруриро тарбия менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки фалсафаи маориф талаботҳои ҷомеаро қонеъ намуда, мутобиқати шахсро ба муҳити мавҷуда таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, мувофиқи ҳар як давра, фалсафаи маориф дорои хусусиятҳои хоси худ буда, талаботҳои ҷомеаро бароварда месозад.

Дар давраи антиқа ташаккул ва инкишофи афкори таълимӣ ва тарбиявӣ дар Юнони Қадим ба пайдоиши ақидаҳои тарбиявӣ дар сарзамини ориёиҳо таъсир расонидааст. Метавон таъйид намуд, ки дар давраҳои минбаъдаи инкишофи таърихӣ мутафаккирони тоҷик ба афкори мутафаккирони Юнони Қадим пайравӣ намудаанд ва ё онро комил сохтаанд.

Ақидаҳои ҷолиби диққатро нисбат ба инкишофи ҷомеа Афлотун пешниҳод намудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки танҳо дар ҳолати ба роҳ мондани таълиму тарбия аз ҷониби давлат самаранокии он таъмин карда мешавад.[14] Арасту низ, ба ақидаҳои Афлотун пайравӣ намуда, дар низоми таълим ва тарбия бештар ба масъалаҳои ахлоқӣ рӯй овардааст. Арасту тарбияи ахлоқиро аз тарбияи иҷтимоиву сиёсӣ, тарбияи шахсиро аз тарбияи иҷтимоӣ ҷудо намуда, аз ҷумла қайд намудааст, ки шахс ва ғояи онҳо ба якдигар ҳамоҳангӣ доранд.

Яке аз давраҳои муҳим ва пурмаҳсули инкишофи таърихии афкори фалсафаи маорифи тоҷик, ки дар он қувваҳои асосии сиёсӣ-иҷтимоӣ ба ислоҳоти маориф равона гардида, дар натиҷа ба бунёди ҷомеаи мутараққӣ оварда расонид, асрҳои IX-XIII ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин давра ҷаҳиши бузурги илму адаб амалӣ гардид, ки аз давраҳои пешина бо хусусиятҳои худ ба куллӣ фарқ мекард.

Омӯзиш ва баррасии ғояҳои фалсафаи маориф дар асрҳои IX-XIII дар доираи методологияи муайян ба роҳ монда шудааст. Яке аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи ғояҳои фалсафаи маориф истифода мешавад, усули таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин усул пайдоиш ва инкишофи маориф, давраҳои инкишофи таърихии таълиму тарбия, инкишофи назарияҳои мухталифи мактабҳои фалсафӣ дар самти ташаккули шахсият омӯхта мешавад.

Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи алоқаҳои сохтории байни унсурҳои системаи таҳқиқшаванда мусоидат мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки методи таҳлили системавӣ ба маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ, санҷишӣ, оморӣ такя мекунад.

---

[13] Назаров Р. Философия качества образавания Таджикистана. – Душанбе, 2011. – С. 51.

[14] Афлотун. Ҷумҳурӣ // Тарҷумаи Фавод Руҳонӣ. – Теҳрон, 1335 ҳ. – С.15.

Илова бар ин, барои тадбиқи сохтори система усули таҳлили сохтории система истифода карда мешавад. Ғояи асосии таҳлили сохтории система мушаххас намудани пайдарпайии системаи таҳқиқшаванда ё равандест, ки аз баррасии умумии объекти таҳқиқот оғоз гардида, сипас дақиқ намудани пайдарпайи онро пешниҳод менамояд.

Усули муқоисавӣ барои таҳлил ва муқоиса намудани андешаҳои таълимӣ ва тарбиявии мутафаккирон мавриди истифода қарор дода мешавад. Илова бар ин, усули муқоисавӣ барои муайян намудани самаранокии раванди таълиму тарбия дар кишварҳои гуногун, ба кор бурда мешавад.

Нақши институтҳо ва мактабҳои фалсафӣ дар рушди фалсафаи маориф хеле бузург аст. Назарияҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофи шахсият, ки аз тарафи институтҳо ва мактабҳои фалсафавӣ пешниҳод гардидаанд, муҳим буда, баррасӣ ва ба инобат гирифтани онҳо дар рушди маориф ва тарбияи шахсият дарои аҳаммияти махсус мебошанд.

Дар баррасии масъалаҳои таълим ва тарбия мактабҳои мухталифи фалсафӣ рӯй овардаанд. Дар асоси таҳлилҳо тамоми мактабҳои фалсафиро, ки дар ташкил ва самаранок гардидани таълиму тарбия нақши бузург доранд, метавон ба панҷ гурӯҳ ҷудо намуд: натуралистон, идеалистон, реалистон, функсионалистон ва вуҷудгароён.

Зербоби дуюми ин фасл **“Ғояҳои фалсафаи маорифи ориёӣ ҳамчун сарчашмаи илм ва фарҳанги тоҷик дар асрҳои IX-XIII**” номгузорӣ шудааст.

Муаллиф дар ин зербоб нақши тамаддуни ориёӣ ва низомҳои таълимию тарбиявии ориёиҳоро дар эҳёи илму фарҳанги тоҷик дар асрҳои IX-XIII муҳим арзёбӣ менамояд. Вобаста ба ин, дар диссертатсия таъкид мегардад, ки давраи эҳёи тамаддуни форсу тоҷик ба асрҳои IX-XIII рост меояд, ки он дар эҳё ва рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Маҳз бо сабаби рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, махсусан илму маориф ва маърифатнокӣ ин асрҳо давраи “Эҳёи фарҳангии тоҷику форс”, “Асри заррин” ё “Эҳёи Аҷам” ном гирифтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар рушд ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи асрҳои IX-XIII таъсири тамаддуни қадимаи тоҷик бузург аст. Ориёиҳо яке аз аввалин бунёдгузорони фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравaнд, ки ба масъалаҳои мухталифи таълим ва тарбия диққати ҷиддӣ додаанд. Бояд таъкид кунем, ки, дини зардуштия дар саросари сарзамини ориёиён паҳн гардида буд, ки сарчашмаи асосии назариявии ғояҳои фалсафаи маорифи ориёӣ ба ҳисоб мерафт.

Маҳз ориёиҳо аввалин шуда муассисаҳои таълимиро дар шакли дабистонҳо ва академияҳо бунёд намудаанд. Ғояҳои фалсафаи маорифи ориёиҳо аз Авесто – сарчашмаи асосии илмӣ-фалсафии зардуштия, маншаъ гирифта буданд. Ҳадафҳои асосии таълиму тарбия дар “Авесто” нишон дода шудааст, ки он ташаккули шахсияти олӣ ба ҳисоб мерафт. Тайёр намудани инсон ба иҷрои амали сегона – пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек асоси назариявӣ ва амалии фалсафаи маорифро ташкил менамуд.

Истифода аз низоми муайяни таълим ва тарбия, ки асосан дар асоси қонунҳои дини зардуштия ва анъанаҳои суннатӣ бунёд шуда буд, барои ба сатҳи баланди инкишоф расидани ҷомеаи ориёиҳо мусоидат намуд. Дар гузашта на танҳо дини зардуштӣ, балки дигар таълимотҳои диниву фалсафавӣ низ ба масъалаҳои таълиму тарбия диққати махсус дода, пайравони худро ба омӯзиш ва аз худ намудани касбу ҳунар ва ахлоқи ҳамида даъват менамуданд.

Мавҷудияти марказҳои илмӣ ва фарҳангӣ дар дар рушд ва инкишофи маънавии оммаи мардум нақши калон бозида, аз тарафи дигар, ба рушди ғояҳои фалсафаи маорифи ориёӣ мусоидат кардааст. Ҳамчунин низоми таълимию тарбиявие, ки дар ин марказҳо ҷорӣ буд, барои замонҳои минбаъда, махсусан барои давраи асрҳои IX-XIII намуна гардида, ба он таъсири амиқ гузоштааст.

Дар рушди афкори таълимиву тарбиявӣ дар асрҳои IX-XIII таъсири «Авесто» бузург буд. Бояд қайд намуд, ки ғояҳои ватандӯстӣ ва инсондустии авестоӣ дар осори фалсафӣ ва адабии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII васеъ истифода гардидаанд. Масалан тимсолҳои асотири Авесто аз қабили, Хаошианҳо, Тахма, Урупа, Йима, Хшаста, Гайа, Маретам, Траетарна, Аджи, Дадака ва ғайра дар қисми асотирии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар образи Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Каюмарс, Фаридун, Заҳҳок истифода шудаанд.

Илова бар ин, дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII чунин ғояҳои ахлоқӣ-фалсафӣ ва таълимию тарбиявии «Авесто», ба монанди идеяҳои некӣ ва накукорӣ, ватандӯстию башардӯстӣ, хираду хирадмандӣ, ростию ростқавлӣ, илмомӯзӣ, покизагию тандурустӣ, ҳақиқат ва ғайраҳо, васеъ инъикос ёфтаанд.

Ба таври мухтасар метавон таъсири ғояҳои фалсафаи маорифи ориёиро ба ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба тариқи зайл баён кард:

-инъикоси васеи андешаҳои таълимию тарбиявии авестоӣ дар афкори таълимию тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII;

- истифодаи усулҳои таълимию тарбиявии ориёӣ дар системаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII. Мардумони тоҷику форс дар ин асрҳо ба эҳёи анъанаҳои фарҳангӣ ва адабии аҷдодони худ пардохта, дар системаи маорифи худ аз методҳои таълимию тарбиявии ориёиҳо истифода мекарданд;

-муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, ба монанди мактабу мадрасаҳо ва дигар марказҳои илмии тоҷик дар асрҳои IX-XIII, тибқи сохтори марказҳои таълимию тарбиявии ориёиҳо сурат мегирифт;

-асоси таълиму тарбия дар асрҳои IX-XIII баҳри ба вуҷуд овардани шахсияти созанда ва фарди зарурӣ барои ҷомеа равона шуда буд, ки ин матлаб маншаи худро аз фарҳанги ориёӣ касб кардааст [1-М] .

Дар зербобӣ сеюми ин фасл мавзӯи **“Ислом ва рушди илму фарҳанг дар густариши ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII”** мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Дар таҳлили масъалаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки тамаддуни исломӣ фарогири масъалаҳои динӣ, илмӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буда, асосан ба сарчашмаҳои аслии дини ислом – Қуръон ва Суннат такя мекунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки тамоми меъёрҳои тамаддуни исломӣ бар асоси ин сарчашмаҳо бунёдгузорӣ

шудааст, балки он дар натиҷаи густариши марзӣ ва васеъ гардидани минтақаҳои таҳти нуфузи Хилофати исломӣ ва сарчашмаҳои бунёдии тамаддунҳои дигар мукаммал гардидааст. Фарҳанги кишварҳои дигар, чун Эрон, Ҳинд, Чин, Шом, шимоли Африқо, Миср ва Андалус, барои бунёди тамаддуни исломӣ нақши бузург гузоштаанд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки тамаддуни исломӣ дар заминаи фарҳангу тамаддуни тоисломӣ ба вуҷуд омадааст ва дар рушду нумӯи он на танҳо мусулмонон, балки ғайримусулмонон, мисли зардуштиён, масеҳиён ва дигарон саҳм доранд.

Таъсири тамаддуни исломиро ба фалсафаи Аҷам метавон аз ду тариқ баён кард: якум, аз тариқи таъсири афкор ва ақоиди таълимоти ислом ба фалсафа ва мактабҳои фалсафии Аҷам. Дувум, таъсири фалсафаи юнонӣ, суриёнӣ, бобулӣ, мисрӣ, ҳиндӣ, чинӣ ва ғайра, ки аз тариқи тарҷумаи арабии он ба фалсафаи аҷам сурат гирифт. Чуноне, ки маълум аст, баъд аз густариш ёфтани дини ислом дар сарзаминҳои гуногун ва бархурди он бо дигар тамаддунҳо, тамаддуни исломӣ ғанӣ гардид. Ин ғановати тамаддуни исломиро пеш аз ҳама, метавон тавассути тарҷумаи асарҳои гуногун, ки аз дигар забонҳо ба арабӣ сурат гирифт, маънидод кард.

Бояд ёдовар шуд, ки наҳзатҳои тарҷумонӣ ҳанӯз пеш аз густариши дини ислом дар сарзамини тоҷикон, аз ҷумла дар марказҳои илмию фарҳангии ориёиҳо, аз қабили Гунди Шопур, Раҳо, Нисибин ва ғайра фаъолият мекарданд. Вале пас аз лашкаркашиҳои араб ба ин сарзамин фаъолияти илмии ин марказҳо коста гардид. Аз ин рӯ, тоҷикон барои дубора ба роҳ мондани фаъолияти илмии ин марказҳо талош мекарданд. Тарҷумаи осори илмҳои гуногун, аз қабили тиб, нуҷум, кимиё, риёзиёт, табииёт, мантиқ, фалсафа ва ғайра боиси дубора эҳё гардидани илму фарҳанги тоҷик гардид. Махсусан тарҷумаи асарҳои фалсафии тамаддунҳои гуногун ба афкори фалсафии мардумони аҷам таъсири зиёд расонид.

Илова бар ин дар ин давра сиёсати нодурусти идоракунии арабҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, ки асосан баҳри манфиати мардумони араб равона шуда буд, сабаб гардид, ки ҳисси худшиносии мардумони тоҷик боло рафта, дар натиҷа онҳо барои ҳифзу нигаҳдории тамаддуни худ бархостанд. Ин худшиносии тоҷикон боиси ташкили наҳзатҳои фарҳангӣ, ба монанди ҳаракати шуубия ва ба вуҷуд омадани хонадон ва сулолаҳои асили тоҷик аз қабили Бармакиён, Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён гардид. Пайдо шудани ин наҳзатҳои фарҳангӣ ва ба вуҷуд омадани ин давлатдориҳои асили тоҷикӣ дар маҷмуъ илму фарҳанги тоҷиконро рушд дода, барои рушди ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII мусоидат кард. Дар ин давра марказҳои бузурги илмӣ ва фарҳангӣ, ба монанди Бағдод, Бухоро, Самарқанд, Нишопур, Балх, Ҳирот, Исфаҳон ва ғайра, ки барои инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи ин асрҳо мусоидат кардаанд, аз нав рушд намуданд.

Илова бар ин дар эҳё ва рушду нумӯи илму фарҳанги тоҷик дар асрҳои IX-XIII, сарчашмаҳои асосии тамаддуни исломӣ, яъне Қуръон ва Суннат нақши муҳим доранд. Ин сарчашмаҳо дорои мазмуни баланди таълимию тарбиявӣ мебошанд ва арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва таълимию тарбиявии онҳо ба

афкори илмию ақидавии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII таъсири мусбат расонида дар осори илмии онҳо ин мазмунҳо дубора инъикос гардиданд. Аз тарафи дигар тамаддуни исломӣ дар натиҷаи бархурд бо дигар тамаддунҳо ғанӣ гардид ва ин гановати фарҳангӣ ба афкори илмию фалсафии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII таъсири мусбат расонда, барои пайдоиши мактабҳои фалсафӣ, аз қабили асҳоби ҳаюлло, мактаби доиратулмаорифи ихвон-ус-сафо, мактаби машшоъ, калом, тасаввуф ва ғайра мусоидат намуд. Бояд гуфт, ки ҳамаи ин мактабҳои фалсафӣ дар эҳё ва рушди илму фарҳанги мардумони тоҷику форс дар асрҳои IX-XIII нақши муассир доранд.

Боби дуюми рисола "**Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII**" аз се зербоб иборат буда дар он масъалаи таълиму тарбия дар афкори фалсафӣ-иҷтимоии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII, ғояҳои фалсафаи маориф дар осори Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва Насируддини Тӯсӣ, хусусиятҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ва аҳаммияти амалии он дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар зербоби аввали боби якум – **"Масъалаи таълиму тарбия дар афкори фалсафӣ-иҷтимоии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII"** қайд карда мешавад, ки андешаҳои таълимию тарбиявӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстӣ дар асарҳои устодони барҷаста, мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Форобӣ, Насируддини Тусӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷалолиддини Румӣ, Носири Хусрав, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Соиб, Ҷомӣ, Бедил, Иқбол ва даҳҳо нобиғаҳои бузурги форсу тоҷик саршоранд. Дар ин миён ақидаҳои таълимиву тарбиявии Абуабдулло Рӯдакӣ, ки аҳаммияти бузурги илмӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд ва ғояҳои ахлоқии он дар амалия татбиқ мешаванд. Омӯхтан ва татбиқи ғояҳои фалсафаи маорифи Рӯдакӣ аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст, ки ҳамчун тараннумгари ахлоқи ҳамида, роҳнамо ба корҳои нек, ватандӯстиву миллатдӯстӣ эътироф гаштааст. Ашъори Рӯдакӣ хусусияти воқеии таълимӣ ва тарбиявӣ дошта, шахсро барои ноил гардидан ба мақсадҳои пешқадам ҳидоят мекунад.

Ашъори Рӯдакӣ беҳтарин намунаи баёни маърифат ва тафаккури амиқи ақлу хирад мебошад. Яке аз асарҳои машҳури Рудакӣ «Калила ва Димна» мебошад, ки дар он андешаҳо оид ба илму илмомӯзӣ, омӯзиши таҷрибаи рӯзгор, нақши он дар инкишофи ақлу шуури инсон, доир ба таъсири муҳити иҷтимоӣ ба симову табиати маънавии одам пешниҳод шудаанд.

Рӯдакӣ дар низоми таълимӣ ва тарбиявӣ омӯзиши илм ва донишро зарурӣ мешуморад, пешрафти ҷомеаи инсониро дар омӯзиш ва дониш мебинад. Ӯ қайд намудааст, ки донишу хирад дар ҳар давру замон сабабиривоҷи ҷомеаҳо буд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар асари безаволи худ «Шоҳнома» ба масоили маориф ва тарбия таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудааст. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асаре ба ҳисоб меравад, ки дар он ақидаҳои таълимию тарбиявӣ, панду ахлоқӣ

ва афкори фалсафӣ таҷассум ёфтаанд. Дар байни онҳо алалхусус ғояҳои инсондӯстӣ ва ватанпарварӣ мақоми махсус доранд, ки то имрӯз арзиши худро маҳфуз доштаанд.

Дар таърихи пайдоиш ва рушди ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик саҳми Саъдии Шерозӣ (1203-1292) бо осори саршор аз ақидаҳои ахлоқиаш мақоми муҳим дорад. Саъдӣ ба таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ на танҳо чун шоири соҳибэъҷоз ва устоди моҳири наср, балки ҳамчун мутафаккири борикбин, муаллими ахлоқ ва инсондӯсти бузург машҳур буда, бо андешаҳои таълимию тарбиявӣ ва илмию фалсафиаш ба илму фарҳанги ҷаҳонӣ хидмати бузурге анҷом додааст. Саъдии Шерозӣ ҳамчун муаллими ахлоқ панду андарзро дар асарҳояш махсусан "Гулистон" ва «Бӯстон» фаровон истифода кардааст. «Гулистон» асари шуҳратёфтаи Саъдӣ мебошад, ки қариб бо тамоми забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла англисӣ, фаронсавӣ, немисӣ, итолявӣ ичунин ба забони русӣ ва забонҳои халқҳои дигар тарҷума шудааст.

